# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.09.2025, №103

Барои сазовор донистани Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 15-уми июли соли 2025 бо суратмаҷлиси №100 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар 13-уми апрели соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 зинаи бакалавриати Донишгоҳи Фирдавсии шаҳри Машҳади Ҷумҳурии исломии Эронро бо ихтисоси коршиноси забон ва адабиёти форсӣ ва соли 2015 зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар солҳои 2015-2018 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**.

**Муқарризони расмӣ**: **Худойдодов Аъзам Овлододович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Каримова Ҳилола Қодиралиевна** – доктори

фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси филология, ходими илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, доктори илмҳои филологӣ, профессор Салими Хатлонӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Шамсов Нурмад Сироҷович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Шавкат Элмуродович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


[1-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Сабки фардӣ ва таъсири он ба сохтори ривоӣ дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. – С. 215-219.

[2-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Пиромуни офариниши персонаж дар романи «Ҳайҷо». Масъалаи паралипсис / Ф.Ф. Аҳмадзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 8 (Қисми I). – С. 151-154.

[3-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Хусусиятҳои зовияи дид дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 4 (76). – С. 179-183.

[4-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Масъалаи «ҳиҷрати нарративӣ» дар осори Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2018. – № 3 (003). – С. 164-171.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Ҷойгоҳи персонаж дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф. Ф. Аҳмадзода // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – Душанбе, 2017. – № 1-2 (3). – С. 220-226.

[6-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Чашмандозе ба коргоҳи эҷодии Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Садои Шарқ. – Душанбе, 2017. – № 3. – С. 116-120.

[7-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Нақши сабки фардӣ дар низоми сохтории романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Ганҷи Исфара – Исфара, 2018. – № 2. – С. 21-22.

[8-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Особенности фокализации в «Воспоминаниях» Садриддина Айни / Ф.Ф. Аҳмадзода // Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ. – Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 12-13-уми апрели соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 196-199.

[9-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Мухтассоти зовияи дид дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Пайванд. – Душанбе, 2020. – №1-2 (39-40). – С. 86-93.

[10-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Вижагиҳои бунёдини романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода / Ф.Ф. Аҳмадзода // Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии Сотим Улуғзода (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-29-уми сентябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 125-129.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» **Асозода Ҳотам Раҷаб** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант чор эрод манзур шудааст:

1. Ҳарчанд ки диссертант боби аввали диссертатсияи хешро сирф ба назарияи нарратология бахшидааст, хуб мебуд, барои равшантар гаштани мавзуи мавриди таҳқиқ доир ба навъҳои нарратология ё маҳорати нарратологии Ӯрун Куҳзод дар романи «Ҳайҷо» мисолҳо меовард. Чунончи, дар фасли севуми боби дуюм диссертант ин гуфтаи моро хеле хуб нишон дода тавонистааст: «Дар «Ҳайҷо» нарратор ғайридиегетикист, зеро ҳамчун нозири ҳаводис воқеаҳоро нақл менамояд, вале худаш дар сатҳи ривоят ё дар дохили ривоят ҳузур надорад» [автореф., с. 18].

2. Дар фасли якуми боби ду ҷумлаи: «Шахсест мутафаккир ва мушоҳидакор, чун аз дидани мушкилоти миллати худ ба танг омада ба навиштани асаре калонҳаҷм иқдом намудааст» ва «Шахсест озодипараст, чун вуҷуди қайду бандҳои гуногун ва меъёрҳои тасбитшудаи беасосро намепазирад» оварда шудааст, ки ба андешаи мо, агар дар ин ҷумлаҳо калимаи «нависанда», «адиб» илова гардад, маънӣ рӯшантар мешавад.

3. Дуруст аст, ки дар захираи луғавии забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде аз забонҳои дигар истифода мешаванд, аммо муродифи аксари ин калимаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавҷуданд. Ба андешаи мо, хуб мебуд, агар дар матни автореферат диссертант аз муродифҳои мавҷудаи тоҷикии онҳо истифода мебурданд. Масалан, калимаи сегмент-банд, биол; интрига-макр, найранг, ба мазмуни драмаи роман, ки атрофи вай воқеа инкишоф меёбад; анахрония-куҳна, қадим, қадима; мотив-сабаб, мақсад, асос, мавзуъ.

4. Дар афтореферат ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасад. Масалан, иваз кардани калимаи зоида аз ибораи «зоидаи тахайюли нависанда» (с. 11); иваз кардани калимаи таркиб аз ибораи «аз таркиби Иттиҳоди Шӯравӣ», калимаи «наративӣ» бо як «р» (с. 24), «ҳикояҳои баланду (?) кӯтоҳ» (с. 25), нарасидани аломати китобатии вергул дар саҳифаҳои 17, 21.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна** низ мусбат буда, дар радифи ёдоварӣ аз муваффақиятҳои диссертант эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар фасли аввали боби якум – «Матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология» муаллиф истилоҳи «нарратология»-ро бо таърифи назарияпардозон алоқаманд мекунад, аммо ба назар мерасад, ки он бештар тавсифи умумии нарратология аст, на таҳлили мушаххаси романи «Ҳайҷо». Фасли мазкур бояд бо намунаҳои мушаххас аз роман такмил дода шавад, то ки меъёрҳои «душвории зебоишиносӣ» ва «мутахаййил будан» дар асари мазкур зоҳир гарданд.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ (оиди – с. 5, шурӯъ – с. 18, Шӯро – с. 18, Шӯравӣ – с. 21) ва техникӣ (саҳ. 5, 20, 23, 28) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» **Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳаким**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Ба назари мо, фаслҳои якуму дувуми боби дуюмро ба зерфаслҳо ҷудо намудан чандон зарурат надошт ва беҳтар мебуд, ки матолиби дар ин зерфаслҳо баёншуда дар таркиби фаслҳо матраҳ мегардиданд.

2. Дар саҳифаҳои 4, 6, 8, 11, 13-и автореферати диссертатсия ба ҷойи «оид ба» шакли нодурусти он «оиди» истифода шуда, ҳамчунин, дар саҳифаи 20 ғалати имлоӣ дар «Иттиҳоди Шӯравӣ» ба назар мерасад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар бо истифода аз назарияҳои нарратологӣ ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба таҳлили романи «Ҳайҷо» пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси назарияҳои нарратологии Жерар Женетт ва Волф Шмид, ҳамчунин, романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод ва чанде аз осори дигари ӯ сурат гирифтааст. Нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба мавзуъ ва хусусиятҳои сохториву мухтавоии романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти бадеию ҳунарӣ ва вижагиҳои созмонёбии он **муайян карда шудаанд;**
- хусусиятҳои ровӣ, сатҳҳои гуногуни сужет, аҳаммияти хутути замонӣ, таъсири сабки фардии нависанда ба сохтору мухтавои романи «Ҳайҷо» **таҳқиқу баррасӣ гардида,** ҷойгоҳи хосси ин роман дар коргоҳи эҷодии Ӯрун Кӯҳзод **собит шудааст;**
- ҳузури ақидатии фаъоли нависанда, эҷоди пойгоҳи муқоиса дар роман, таъкид бар асолати куниш, наҳваи вижаи офаридани персонаж, хулосагунае аз тамоми осори Ӯрун Кӯҳзод будани романи «Ҳайҷо» **мушаххас карда шудаанд**;

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** мабоҳиси назарӣ, равишҳои таҳлил, натиҷагириҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар ин рисола барои шинохти ҷанбаҳои гуногуни насри бадеӣ, коргоҳи эҷодии Ӯрун Кӯҳзод, хусусан, романи «Ҳайҷо»-и ӯ мусоидат намуда, дар баррасии осори дигари ин нависандаву нависандагони дигари тоҷик ва зимни пажӯҳишҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фолклоршиносӣ ва таърихнигорӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасӣ, шинохт ва таҳлили осори насрӣ кӯмак карда

метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгуни насри муосир ва зимни баррасии дигар паҳлуҳои фаъолияти эҷодии Ӯрун Кӯҳзод метавон истифода бурд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводди дар диссертатсия манзуршуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи маводди таълимӣ ва омода ҳамудани китобҳои дарсӣ аз назарияи адабиёт, нақди адабӣ, адабиётшиносӣ, таърихи адабиёти давраи нав, хусусан, адабиёти замони Истиқлол барои факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла М. Шакурӣ, Р. Барт, М.М. Бахтин, С.Ш. Табаров, Тс. Тодоров, Р. Мусулмониён, П. Лаббок, Х. Шарифов, В.И. Тюпа, Ж. Женетт, М.С. Имомзода, А. Набавӣ, М. Бал, К. Фридеманн, В. Шмид, М. Флудерник, Ҷ. Принс ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлиливу татбиқӣ, оморбардориву таҳлилӣ ва усули таҳлили нарратологӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар рисола суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба таҳлили нарратологии осори мансур, аз ҷумла романи тоҷик ва фаъолияти мунаққидӣ метавон истифода бурд. Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои тозаи таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, хусусан, даврони Истиқлол, назарияи адабиёт, нақди адабӣ ва ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгору осори Ӯрун Кӯҳзод мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди кофӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ба таври мустақилона ифода шудани нуқтаи назари ӯ оид ба мавқеъ ва коромадии назарияҳои нарратологӣ ҳангоми таҳлили осори мансури миллӣ таъйид менамоянд.

Пешниҳод, тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии муаллиф буда, саҳми шахсии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи манобеи илмию адабӣ роҷеъ ба таҳлили нарратологии романи тоҷик ва дар ин замина, муайян намудани хусусиятҳои сохториву муҳтавоӣ ва вижагиҳои фарқкунандаи романи «Ҳайҷо» мушаххас мешаванд.

Муаллиф бо истифода аз равишҳои илмии риштаи адабиётшиносӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои меҳварӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6D020501– Адабиёти тоҷик иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Бобомаллаев И.Ҷ.

25.09.2025.